*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон суроға:ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба рисолаи номзадии Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи: "Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

## 1.Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Рақобати шадид дар бозорҳои ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ки истеҳсолкунандагони ватанӣ афзалиятҳои рақобатии худро дар заминаи пешниҳоди молу хизматрасонии хусусиятҳои навгонидошта тақвият бахшанд. Дар ҳоли ҳозир дар кишвар унсурҳои ибтидоии ташкили низоми миллии инноватсионӣ мушоҳида мешавад, ки заминаро ҷиҳати ба вуҷуд овардани неруи инноватсионии субъектҳои иқтисодӣ фароҳам меоварад. Аммо ин раванд бо як қатор мушкилиҳо ва душвориҳо алоқаманд дониста мешавад, ки яке аз муҳимтарини он ба низом даровардани асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии ташкили фаъолияти наоварона дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки раванди ташкили фаъолияти навоварона як доираи хоси идоракунии марҳилаҳои марбут ба эҷоди идея, коркард, истеҳсоли озмоишӣ, истеҳсоли оммавӣ, тарғиб ва фурӯши маҳсулоти навро дар назар мегирад. Ворид шудани халал дар яке аз ин мароҳил метавонад, самараи ниҳоии фаъолияти навоваронаро зери суол барад. Дар ин миён марҳилаи тарғиб ва фурӯши маҳсулоти нав, ки дар адабиёти иқтисодӣ чун марҳилаи тиҷоратикунонии навоварӣ шинохта шудааст, аз аҳамияти хос бархурдор мебошад, зеро натиҷаи ниҳоии фаъолияти навоварона маҳз дар ҳамин марҳила ташаккул мeёбад ва заминаро барои идомаи самараноки фаъолияти навҷорисозӣ фароҳам месозад. Боиси таассуф аст, ки ин марҳилаи муҳими фаъолияти навҷорисозӣ дар ҷумҳурии мо чӣ аз нигоҳи назариявию методологӣ ва чӣ аз нигоҳи амаливу корбурдӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст ва ба роҳ мондани тадқиқоти густардаро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар ҳоли ҳозир бозори маҳсулоти нав дар Ҷумҳурии Точикистон асосан аз молҳои хориҷӣ таъмин карда мешавад. Идеяҳои нав ва сохтори молу хизматрасониҳои наве, ки аз тарафи муаллифони ватанӣ коркард мешаванд ва то марҳилаи гирифтани ҳуқуқи муаллифӣ омада мерасанд, аҳёнан ба бозор роҳ мeёбанд ва ё аз тарафи истеҳсолкунандагони хориҷӣ ба худ шакли ниҳоии маҳсулотро гирифта ба бозор пешниҳод мешавад.

Ин ҳолат халали ҷиддӣ дар сислсилаи умумии фаъолияти навҷорисозӣ ба вуҷуд оварда, идомаи самараноки онро мутаваққиф менамояд. Вобаста ба ин, таҳқиқи ин мавзӯъ ва дар асоси он пешниҳоди роҳу услуҳои асарбахши тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳамияти муҳими илмӣ бархурдор мебошад.

**2.Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия, натиҷаҳои илмӣ, бахусус навгониҳои илмӣ ба Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ мутобиқ буда, алалхусус ба ба бандҳои зерин мувофиқат мекунад: 1.1. Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои тадқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 1.8. Тадқиқи силсилаи ҳаётии инноватсияҳо: андозаҳои силсила, абзор ва технологияҳои идоракунии андозаҳои силсилаи ҳаётӣ, рушди мутавозини силсилаҳои инноватсионӣ ва маблағгузорӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.14. Рушди назария ва методологияи ташаккулёбӣ, идоракунӣ ва баҳодиҳии самаранокии амалкарди бозори инноватсияҳо. Усулҳо ва технологияҳои бароварда шудани маҳсулоти инноватсионӣ ба бозор, такмилдиҳии стратегияҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳо; 1.27. Сохтор, мушаххасгардонӣ ва идораи хатарҳои фаъолияти инноватсионӣ дар марҳилаҳои гуногуни силсилаи ҳаётии инноватсияҳо.

**3.Навгониҳои илмии диссертатсия ва нуктаҳое илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Навоварии диссертатсия дар асоснок намудани имкониятҳои такмилдиҳии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо ва коркарди чорабиниҳои амалии инкишофи низоми идоракунии тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст. Натиҷаҳои нисбатан назарраси илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот нуктаҳои зерин ташкил медиҳанд:

- таърифи нисбатан мукаммалшудаи мафҳуми навоварӣ, ки дар силсилаи давраи ҳаётии фаъолияти навҷорисозӣ марҳилаи тиҷоратикунониро ба унвони марҳилаи калидӣ ва муайянкунандаи самаранокии ҷараёни мазкур тафсир менамояд;

-механизми тиҷоратикунонии навоварӣ, ки нуктаи вурудиаш аз механизми дохилӣ ва хориҷии таъмини сатҳи баланди алоқамандии равишҳои муосири фаъолияти навҷорисозӣ ва нуктаи хуруҷиаш ба

гузариши ботадриҷ ба иқтисодиёти навоварона бо таваҷҷӯҳ ба саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудааст;

- систематизатсияи принсипҳои асосии таъмини самранокии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ, ки принсипи густариши ҳамгироии илм, истеҳсолот ва фаъолияти маркетингиро омили муҳимтарини рушди фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳо таъриф менамояд;

- нақшаи сохтории муҳити институтсионалии инкишофи тиҷоратикунонии навовариҳо, ки нақши институтҳои алоҳидаро дар раванди ташаккул ва инкишофи фарҳанги тиҷоратикунонии навовариҳо бо таваҷҷӯҳ ба таъмини инфрасохтории фаъолияти навҷорисозӣ нишон медиҳад;

-модели иқтисодӣ-риёзии рутбабандии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ.

**4.Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ баёнгардида**

Дар раванди таҳлил аниқ гардид, ки муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодгардида тасдиқ мекунанд, ки онҳо аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ ба қадри зарурӣ асоснок карда шудаанд ва боэътимод мебошанд. Асосноксозии муқаррароти илмӣ, хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда, бо истифода кардани методологияи илмии таҳқиқот, таҳияи аниқи вазифаҳо ва далелнокии ҳалли онҳо тасдиқ карда мешавад, ки эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашударо таъмин мекунад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот ба муқарраротҳои назариявӣ доир ба иқтисодиёти минтақа ва кишвар, иқтисодиёти соҳаҳо, алалхусус, бахши технология ва навоварӣ бахшида шудааст. Пояи назариявии диссертатсияро корҳои илмии поягузорони илми иқтисодӣ, таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи устувори рушди субъектони иқтисодӣ ташкил кардааст. Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои мушаххас доир ба механизми тиҷоратикунонии навовариҳо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузориҳо, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоят, дар маҷмуъ истифода шудаанд

**5.Сохтор, мундариҷаи диссертатсия ва сатхи асоноккунии дастовардҳои илмӣ**

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосӣ дар 182 саҳифаи чопии компютерӣ навишта шуда, фарогири 25 ҷадвал ва 16 расм мебошад.

Дар муқаддима оид ба аҳамият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуҳои илмӣ ба таври возеҳ ва равшан шарҳ дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, усулу фарзияҳои таҳқиқот муайян гардидаанд, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавсиф шудааст

Дар боби якуми диссертатсия – **“Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар шароити муосир”** асосҳои назариявии тадқиқи тиҷоратикунонии навовариҳо дар низоми умумии раванди навҷорисозӣ таҳқиқ шудааст, сохтори механизми тиҷоратикунонии навоварӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, таҷрибаи хориҷии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби 1.1. муаллиф ба хулосае дуруст омадаст, ки азбаски навоварӣ ва эҷоди технологияҳои нав дар асоси донишҳои мавҷуда сурат мегирад, рушди технология бештар аз олимон ва муҳандисон вобаста аст, ки дониши мавҷударо медонанд ва ба ғояҳо ва бозёфтҳои муҳаққиқони дигар дастрасӣ доранд. Чӣ қадаре, ки дониши кормандони техникӣ амиқ бошад ва дастрасии онҳо ба натиҷаҳои кори муҳаққиқони дигар васеътар бошад, эҳтимоли зиёд аст, ки онҳо ба технологияҳои нав, ки асоси маҳсулоти нав мешаванд, дастрасӣ пайдо кунанд. Интиқоли технология барои рушди технология муҳим аст. Пас аз рушди технология, мо ба тиҷоратикунонии технология ниёз дорем. Тиҷоратикунонӣ табдил додани технологияҳои нав ба маҳсулоти муваффақи тиҷоратӣ мебошад. Ин раванд фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ба монанди арзёбии бозор, тарроҳии маҳсулот, муҳандисии истеҳсолот, идоракунии моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи зеҳнӣ, таҳияи стратегияи маркетинг, маблағгузорӣ ва омӯзиши қувваи корӣ ва ғ. Омили муҳим ва нозукии давраҳои амалигардонии навоварӣ дар он аст, ки баъди санҷиш ин навоварӣ аз тарафи муассисаҳои таҷрибакунанда бевосита исбот мегардад, ки навоварӣ хосият ё хусусияти нави иқтисодию иҷтимоӣ дошта, самаранокии баланд дорад. Танҳо баъд аз он барои амалигардонии он қарор қабул карда шуда, навоварӣ ё тиҷоратикунонида мешавад. (С.30)

Дар боби дуюм – **“Таҳлили заминаҳои асосӣ ва вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** заминаҳои асосии рушди механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ шудааст, омилҳои таъсиррасон ба механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби 2.1. диссертант таҳлили вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёби гардида қайд намуд, ки аксари нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2010-2023с) рӯ ба афзоиш мебошанд. Ин ҳолат гувоҳи он

аст, ки дар кишвар ботадриҷ фазои мусоиди татбиқи стратегияи такмили фаъолияти навҷорисозии субъектҳои иқтисодӣ, махсусан дар самти инкишофи тиҷоратикунонии навовариҳо, фароҳам мешавад. Вобаста ба ин ҳама гуна тавсияҳое, ки ҷиҳати такмили механизми тиҷоратикунонии навовариҳо пешниҳод мешаванд, бояд чуқур омӯхта шаванд ва ба қадри имкон татбиқ шаванд. Дар маҷмӯъ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама самтҳои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тамоюли инкишофи мусбиро касб кардааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар нисбати солҳои сипаригардида ба маротиб рушд намуда истодааст. Аммо ҳануз дар кишвар заминаҳои воқеии рушди иноватсионӣ ва тиҷорати самараноки навовариҳо ба вуҷуд наомадааст. Ҷудо намудани манбаҳои асосии рушди иқтисодӣ миллӣ, ки навовариҳо дар он нақши калидӣ дошта бошанд, гузаронидани тадқиқотҳои густардаро тақозо менамоянд. (С.68)

Дар боби сеюм – **“Самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, инкишофи инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо тавсиф шудааст ва омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ таҳлил карда шудааст.

Дар зербоби 3.2. муаллиф қайд мекунад, ки омили асосии инкишофи равандҳои тиҷоратикунонии навовариҳо таъмини инфрасохтори ба ҳам алоқаманди фаъолияти инноватсионӣ ба шумор меравад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба инфрасохтори тиҷоратикунонӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Дар Тоҷикистон, ки дар марҳиллаи омодагӣ ба гузариш ба модели инноватсионии рушд қарор дорад, тадқиқи асосҳои назариявӣ ва методии таъмини инфрасохтори тиҷоратикунонӣ тақозои вақт мебошад. Бояд ба назар гирифт, ки дар занҷираи фаъолияти навҷорисозӣ мавқеи муҳим ва калиди ба марҳиллаи тиҷоратикунонӣ ихтисос дода мешавад. Пас ҳама кушишҳо дар самти таъмини модели инноватсиони рушд бесамар хоҳад буд, агар ба инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо аҳамити хос дода нашавад. Азбаски самаранокии системаи инноватсионӣ аз ҷониби вазифаҳои он дар таҳқиқоти гуногун муайян карда мешавад, таснифи камбудиҳои он аз нуқтаи назари функсионалӣ низ метавонад ба рафъи ин камбудиҳо мусоидат кунад. Ҳамин тариқ, дар дар категорияҳое, чун вазифаҳои сиёсӣ, мусоидат ва самти таҳқиқот ва фаъолияти инноватсионӣ, гузаронидани тадқиқот ва рушд, рушди захираҳои инсонӣ, соҳибкорӣ ва паҳнкунии технологияҳо заъфи функсионалии системаи миллии инноватсионӣ ва, мувофиқан, тиҷоратикунонии натиҷаҳои он, ошкоро ба назар мерасад. (С. 135-136)

Дар хотимаи диссертатсия хулосаҳо ва пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати дар амал ҷорӣ ва татбиқ намудани роҳу усулҳои мукаммалгардонии

механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

## 6.Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия

Аҳамияти назариявии рисолаи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанад, ҷанбаҳои назариявии татбиқи принсипҳои асосии такмилдиҳии механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро тақвият бахшад ва заминаи инкишофи методии идоракунии низоми тиҷоратикунонии навовариҳоро дар сатҳҳои мухталифи идоракунӣ фароҳам оварад.

Натиҷаҳои ба дастовардашудаи ба такмилдиҳии механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро, коркарди тавсияҳо ва дастурамалҳои муассир ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти навоваронаи корхонаҳои ватанӣ равона гардидаанд. Муқаррароти алоҳидаи рисолаи диссератсиониро метавон дар ҷараёни тадриси фанҳои «Иқтисоди навоварӣ», «Менеҷменти инноватсионӣ», курси махсуси «Тиҷоратикунонии навовариҳо» ва ғ. истифода бурд.

## 7.Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия

Дар баробари ҳалли мсъалаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои ба дастовардашуда баъзе камбудиҳои алоҳида, андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ба монанди:

1.Дар диссертатсия доираи соҳавӣ ва ё институтсионалии тиҷоратикунонии инноватсияҳо мушаххас карда нашудааст. Бояд мушаххас кард, масалан: дар бахши саноатӣ ё дар соҳаи соҳибкории хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2.Дар боби дуюми диссертатсия агар таҳлили омилҳои институтсионалӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва фарҳангиро, ки ба татбиқи инноватсия монеъ мешаванд, дохил карда мешуданд, натиҷаҳои таҳлил хубтар мегардид;

3.Дар боби сеюм модели иқтисодӣ-риёзии рутбабандии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ коркард ва пешниҳод гардидааст. Аммо, дар давоми кор натиҷаҳои таҳлилии раванди танзими давлатӣ бо дарназардошти баланд бардоштани самаранокии тиҷоратикунонии донишҳои нав дар асоси фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод нагардидааст.

Ба андешаи мо, эродҳои дар боло зикр шуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро коста намекунад.

## 8.Мувофиқати диссертатсия ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

Диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, натиҷаҳои ба даст овардашуда дар худ иниъикос мекунад, ки ба ҳалли муаммоҳои татбиқи механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ мусоидат менамояд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии онро ифода менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардашудаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии такмили механизми тиҷоратикунонии навовариҳо тараққӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи: "Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ" кори анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Маҳмадалиев Насриддин Каримович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дода шавад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи менеҷмент ва маркетингӣ
Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Мирзоева Е.Ш

"Имзои Е.Ш. Мирзоева-ро тасдиқ мекунам"
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсусӣ ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

***Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, ДБССТ, х.Борбад 48/5, Тел: 781713377, E-mail: Evgeniya-2385@mail.ru***

***«_3_» _ноября_ соли 2025***